**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК, № 4 (98), 1979 г.**

**ЯЗЫКОЗНАНИЕ И ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ**

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**

# МАФҲУМИ «ҚАСИДА» ДАР САРЧАШМАҲОИ НАЗАРИИ АСРҲОИ XI-XV

Ба масъалаҳои пайдоиш, таҳаввул, сайри таърихии қасида, робитаи он бо дигар жанрҳои адабӣ ва амсоли инҳо дахл накарда, балки танҳо гуфтаҳо ва ишораҳои парокандаи назариётчиёни асрҳои XI-XV тоҷику форсро оид ба мафҳуми «қасида» аз назар хоҳем гузаронд.

Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ оид ба қасида нисбат ба дигар жанрҳои адабӣ бештар ишораҳо дорад,[1] ки ин суханони пароканда хусусиятҳои жанрии қасидаро дарбар нагиранд ҳам, аҳамияти муайяни илмии назарӣ доранд. Яке аз қиматҳои муҳими суханони Родуёнӣ дар он аст, ки ӯ алоқаю муносибатҳои қасидаро бо баъзе жанрҳои адабӣ кам ё беш қайд кардааст.

Родуёнӣ зимни тақсим ду порча аз ду шеъри Унсурӣ, ки мазмунан ба тағаззул мансубанд, мисол оварда,[2] менависад: «Ин қасидаҳо маъруф аст, ба тақсим ороста. Ва пеш аз ин амали тақсим аз ин маънӣ кас нагуфта буд. Ва будӣ, ки ба иттифоқ байте биафтодӣ мар шоирони пештарро, ки аз тақсим будӣ. Фа аммо қасидаҳои муқассам пеш аз ин нагуфта буданд. Ва устодии вай (Унсурӣ - Р.М.) ба чунин сифатҳои бадеъ падид омад. Ва аҷаб он аст, ки қасидаҳои бадин ниҳод

---

[1] Дар «Тарҷумон-ул-балоғат» калимаҳои «ғазал» ва «маснавӣ» - якборӣ, аммо “қасида” - бисту ду маротиба зикр шудаанд.

[2] Муҳаммад б. Умари Родуёнӣ. Тарҷумон-ул-балоғат. Бо муқаддимаю зайл ва ҳавошию тароҷими аълом ба хомаи Али Қавим. Теҳрон, 1339, саҳ. 44.

ва бадеъ назм кардааст ва аз роҳи табъи хеш нагаштааст».[3] Шубҳае нест, ки дар ин маврид «қасида» дар маънии жанрии ин калима истифода шудааст. Аммо дар «Тарҷумон-ул-балоғат» мавридҳое ҳам дучор меоянд, ки «қасида» дар маънии жанрӣ наомадааст. Чунончи, муаллиф оид ба ҳусни матлаъ сухан ронда, мегӯяд: «Ва яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки оғози сухан фаҳл ва бадеъ бошад. Ва агар қасидае бувад, бояд ки байти нахуст некӯ ороста бувад ба лафзу маънӣ, чунонки шунаванда бидонад, ки ин аввалбайт аст».[4] «Ба лафзу маънӣ некӯ ороста будан» хоси матлаи танҳо қасида дониста шудааст, ҳол он ки чунин талаб дар пеши ҳамаи жанрҳои адабӣ меистад.

Ё худ, Родуёнӣ дар фасли тазмин навиштааст: «Ва тазмин бар ваҷҳе дигар он аст, ки шоирро байте аз шеъри дигарон хуш ояд ва онро ба миёни қасидаи хеш андар орад, бар сабили меҳмон, на дуздида».[5] Ё худ, ҳангоми баёни мувашшаҳ муаллиф мегӯяд: «Иштиқоқи «мувашшаҳ» аз «вашшоҳ» бувад. «Вашшоҳ» гарданбанд бувад. Ва ин чунин бошад, ки шоир суханеро ҳарф-ҳарф ба аввали байтҳои қасида андар орад, то миёнаи шеър бар як росто; чун он ҳуруфи пароканда ҷамъ карда ояд, сухани тамом гардад. Ва он бештар ба қасидаҳо андар ояд».[6] Дар порчаи охирин калимаи «қасида», ки ду маротиба зикр ёфтааст, ба фикри мо, маъниҳои гуногунро ифода менамояд, зеро агар мурод аз «қасида» дар мавриди якум маънии жанрии он мебуд, дар он сурат эҳтиёҷ ба такрори махсуси «ва он бештар ба қасидаҳо андар ояд» боқӣ намемонд. Метавон гуфт, ки «қасида» аввалан дар маънии кул (шеър) зикр ёфта, сонияν ба маънии ҷузъ (жанр) омадааст.

Родуёнӣ зимни тафсири муламмаъ, талоум, мутанофир низ ба ҷои «сухан», «назм», «шеър» ва амсоли инҳо танҳо «қасида»-ро зикр кардааст. Чунончи: «Дигар аз синоатхо он аст, ки шоир қасидае

---

[3] Тарҷумон-ул-балоғат, саҳ. 44.
[4] Тарҷумон-ул-балоғат, саҳ. 37.
[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 69.
[6] Ҳамон ҷо. саҳ. 70.

бигуяд-байте порсӣ ва байте тозӣ, ба як вазну қофият, на бар сабили тарҷума».[7] Ё ки: «Яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки шоир байтҳои қасида муталоим гуяд, яъне ки якдаста ва ҳамвор гуяд; ва чунон кунад, ки миёни байт ва байт тафовути бисёр набувад ба азубат ва сифат, чи агар байте қавӣ буваду азб ва байте суст буваду бохалал, зишт ояд; ва низ гумони дуздида баранд".[8] Ва ё дар зимни мутанофир: «Ҳар мисрае ба тани хеш вазну маънӣ дорад, валекин мисраи пешин бо мисраи пасин пайванд надорад ба ҳеҷ маънӣ. Ва инчунин сухан маъюб аз он аст, ки баъзе байтҳои қасида балеғу азб бувад, андар-оянда ба дилу гӯш ва баъзе ракик».[9]

Порчаи дигари «Тарҷумон-ул-балоғат», ки дар фасли «Муҷаррад» дарҷ ёфтааст, ин тахминро боз ҳам пуркувват менамояд, ки калимаи «қасида» дар маънии васеътаре истифода шудааст ва он мафҳумҳои «шеър» ва «назм»-ро ифода мекунад, зеро муаллиф дар радифи «шоир»-«қасида»-ро ва дар баробари «дабир»-«нома»-ро набояд бесабаб қайд карда бошад: «Яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки шоир ва дабир ҳарфе чандро аз қасида ва нома берун кашад. Ва ин амал бештар ояд ба тозӣ, аз он-к ба порсӣ, эро ки порсиро ҳуруф андак аст ва ҳам калимоту алфоз».[10]

Дар рисолаи мазкур як нуктаи дигар низ қобили диққат мебошад. Родуёнӣ дар радифи «қасида» калимаи «чакома»-ро ба кор бурдааст,[11] ки ин мафҳум маъниҳои «суруд», «шеър» ва амсоли инҳоро маъмулан ифода менамояд. Ин ҳодиса, яъне чун синоними қасида омадани

---

[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 72.
[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 91-92.
[9] Тарҷумон-ул-балоғат, саҳ. 93.
[10] Ҳамон ҷо, саҳ. 73.
[11] Родуёнӣ навиштааст: «Фаррухӣ ин чакомаи шеворо бад-ин матлаъ:

*Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,*
*Бо ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон.*

дар мадеҳи Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ гуфтааст» («Тарҷумон-ул-балоғат», саҳ. 15).

“чакома” мазмуни муштарак будани ду истилоҳи мазкурро собит менамояд.[12]

Ба қасида Рашиди Ватвот низ таъриф надодааст. Аз равиши сухани ин муаллиф чунон маълум мешавад, ки ӯ истилоҳи «қасида»-ро асосан дар фаҳмиши жанри маълуми адабӣ ба кор бурдааст,[13] аммо ӯ, ба фикри мо, гоҳе калимаи мазкурро дар маънои васеътаре низ истифода намудааст. Масалан, дар фасли «Ҳусн-ул-матлаъ» мехонем: «Ин санъат чунон бошад, ки шоир ҷаҳд кунад, то аввалбайт аз қасида матбуъ ва маснуъ ва лафзи латифу маънии ғарибу бадеъ оварад; ва аз калимоте, ки ба фол нек набошад, эҳтироз кунад, чунон-к самъро аз шунидани он роҳат ояд ва табъро аз дарёфтани он нишот афзояд.[14]

Рашиди Ватвот як хусусияти қасида - мусарраъ будани аввалбайти онро зимнан ишора кардааст, ки чунин ишорат дар таърихи адабиётшиносии тоҷику форс, агар хато накунем, нахустин аст. Муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр..» дар фасли хотимавии рисола, ки ба тафсири мухтасари якчанд ислоҳоти адабиётшиносӣ бахшида шудааст, мегӯяд: «**Мусарраъ** байтеро гуянд, ки ҳарду мисраъ қофият нигоҳ дошта ояд, чунон-к абёти сарҳои қасоид бувад».[15]

Шамси Қайс дар қатори рубоӣ, қитъа, маснавӣ ва ғайра доир ба қасида низ маълумоти нисбатан муфассале додааст, ки ин маълумот аз се ҷиҳат қобили диққат мебошад: 1) Дар назари Шамси Қайс ҳам «қасида» мафҳуми васеъ дорад. 2) Шамси Қайс қасидаро бо баъзе навъҳои адабӣ, ҳамчун тавшеҳ, тарҷеъ ва ғайра алоқаманд менамояд. 3) Ин муаллиф як қатор қонун ва хусусиятҳои жанрии қасидаро баён кардааст.

---

[12] У. Тоҳиров ба хулосае меояд, ки калимаи “чакома (чагома, чағома) ба маънии қасида кор фармуда” мешудааст. Ниг. У. Тоҳиров. Заминаҳои пайдоиши қасидаи тоҷик. Маҷмуаи филологӣ (Мақолаҳои аспирантҳои факултети филологияи тоҷик ва шарқ). УДТ, Душанбе, 1971, саҳ. 22.
[13] Рашидаддини Ватвот, Девон. Бо китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» аз руи чопи марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Теҳрон, 1339, 624-625; 629; 630, 639.
[14] Ҳамон ҷо, саҳ. 650.
[15] Ҳамон ҷо, саҳ. 705.

**Якум.** Шамси Қайс дар мавриде навиштааст: «Ҳар кас, ки сухани мавзун аз номавзун бишинохт ва қасидае чанд каж-муж ёд гирифт ва аз ду-се девон чанд қасида дар мутолиа овард, шоирӣ сар бармеорад ва худро муҷарради назме орӣ аз таҳзеби алфозу тақриби маонӣ шоир мепиндорад...».[16] Ба фикри мо, дар ин порча дар ҳарду маврид ҳам калимаи «қасида» на ба маънии жанри конкрет, балки дар маънои васеътаре зикр ёфтааст, зеро навқалами шоирпардозе, ки нав шеър машқ мекунад, омузишу навиштани шеърро якбора аз қасида сар намекунад.

Мисоли дигар. Муаллиф дар фасли «Мусарраъ» баъзе хусусиятҳои маснавиро баён карда, аз ҷумла навиштааст: «Ва дар маснавиёт... ба ҳукми он-к бинои он бар абёти муфрада аст, дар ҷумлаи қасида тасреъ лозим аст».[17] Равшан аст, ки ин ҷо сухан дар бораи маснавӣ меравад ва Шамси Қайс мегӯяд, ки ҳар як байти маснавӣ бояд мусарраъ (ҳамқофия) бошад. Барои он ки такрори сухан нашавад, муаллиф як дафъа «маснавӣ»-ро зикр карда, минбаъд «он» ва бори сеюм ҳамчун синоними «шеър», «асар» калимаи «қасида»-ро ба кор бурдааст.

**Дуюм**. Соҳиби рисола дар боби шашуми қисми дуюми «Ал-Муъҷам...» зимни тавшеҳ навиштааст: **Тавшеҳ** - он аст, ки бинои шеър бар чанд бахши мухталиф-ул-вазн ниҳанд, ки ҷумлаи он як қасида бошад. Ва чун ҳар бахшро ҷудогона бархонӣ, қасидаи дигар бар вазне дигар берун ояд».[18] Барои мисол Шамси Қайс як қасидаи Рашидии Самарқандиро меорад,[19] ки он аз 26 байт иборат аст.[20]

[16] Шамсиддин Муҳаммад б. Қайс ар-Розӣ. Ал-Муъҷам фӣ маоири ашъор-ул-Аҷам. Ба тасҳеҳи Муҳаммад б. Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, бо муқобила бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ. Теҳрон, саҳ. 455.

[17] Ал-Муъҷам..., саҳ. 419-420.

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 390.

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 390-393.

[20] Ин шеър чунон аст, ки ду байти аввал аз тавшеҳ озод аст ва чаҳор байти минбаъда мувашшаҳ шудааст, яъне ибораи охирини мисраи якуми ҳар байт бо ибораи якуми мисран дуюм дар назар дошта мешавад; аз ин чаҳор байти мувашшаҳ як қитъаи мустақили чаҳормисраъгии дигар (дар вазну қофияи дигар) ҳосил мешавад. Баъди ин боз ду байти озод омада, аз паси он 10 байт

Қобили қайд аст, ки Шамси Қайс ҳарчанд зимни шарҳи тавшеҳ танҳо қасидаро ном бурдааст, баъди зикри мисоли ишорашуда чунин қайдро илова менамояд: «Ва бошад, ки дар ҳар мисрае ҳарфе ё калимае нигоҳ доранд, ки чун ҷамъ кунӣ, исме, ё шеъре, ё дуое бошад, чунон-к Рашид рубоӣ гуфтааст ва дар аввали ҳар мисраъ ҳарфе нигоҳ дошта, ки маҷмуи он номи «Муҳаммад» бошад.[21] Пас Шамси Қайс рубоии зеринро меорад, ки он дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр...» низ мавҷуд аст:

*Маъшуқа дилам ба тири андуҳ бихаст,*
*Ҳайрон шудаму касе[22] намегирад даст.*
*Мискин тани ман зи пои меҳнат шуд паст,*
*Дасти ғамдӯст пушти сабрам бишкаст.*[23]

Агар калимаи «қасида» дар суханони Шамси Қайс зимни таърифи тавшеҳ ба маънои жанри конкрети адабӣ фаҳмида шавад, ҳангоми мулоҳиза намудани қайди иловагӣ ва мисоли рубоии боло ихтилофи фикр ба миён меояд, зеро дар мавриди аввал танҳо қасида зикр мегардад, вале дар мавриди дуюм мисоли рубоӣ оварда мешавад.

**Сеюм.** Агар Рашиди Ватвот ҳамагӣ як хусусияти қасида, яъне мусарраъ будани байти матлаъро ишора карда бошад, Шамси Қайс тасреи матлаъ, миқдори байтҳои онро зикр кардааст.

А). Шамси Қайс низ мусарраъ омадани байти матлаъро ҳатмӣ медонад: «Ва дар қасоиди порсӣ лозим аст, ки байти матлаъ мусарраъ бошад, яъне қофияти ҳарду мисраъ дар ҳуруф ва ҳаракот яке бошанд».[24] Қобили қайд аст, ки муаллифи мазкур ин талабро ҳатмӣ

---

мувашшаҳ шудааст, ки аз он як қитъаи иборат аз 5 байт ба даст меояд; пас ду байти дигар озод, чаҳор байт мувашшаҳ ва дар охир ду байт озод мебошад.

[21] Ал-Муъҷам..., саҳ. 394.

[22] Дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр...» - “касам”.

[23] Ал-муъҷам..., саҳ. 394. Ҳадоиқ-ус-сеҳр..., саҳ. 680. (Мисраи чаҳорум дар ин ҷо: «Дасти ғамдуст пушти ман хурд шикаст»).

[24] Ал-Муъҷам..., саҳ. 201.

мешуморад[25] ва таъкид менамояд, ки «илло, онро қитъа хонанд, ҳарчанд аз бист байт даргузарад».[26] Ҳамин ақида дар ҷои дигар низ такрор меёбад: «Ва пеш аз ин гуфтаем, ки дар қасоиди порсӣ тасреи матолеъ лозим аст; ва ҳар қасида, ки матлаи он мусарраъ набошад, агарчи дароз бувад, онро қитъа хонанд ва исми қасида бар он итлоқ накунанд».[27]

Агар Рашиди Ватвот мусарраъ омадани аввалбайти қасидаро мухтасаран қайд карда бошад, Шамси Қайс ин масъаларо муфассалтару мукаммалтар муҳокима намудааст. Чунончи, ӯ бо такроран таъкид намудани тасреи байти матлаъ иктифо накарда, боз изҳор менамояд, ки байти мусарраъ ба ғайр аз матлаъ боз дар ҷойҳои дигари қасида низ омада метавонад. Яке аз сабабҳои ин ҳодиса, назар ба қавли суханшинос, тағйир ёфтани мавзуи тасвир мебошад. «Ва бошад, ки,-менависад Шамси Қайс, - як қасидаро чанд матлаъ кунанд чун аз сифате ба сифате дигар нақл кунанд».[28] Шамси Қайс, ки аз таърихи адабиёт ба хубӣ бохабар буд, пай бурдааст, ки баъзе шоирон қисмати таназзулро дар охири қасида ҳам овардаанд ва дар ин сурат қисмати мазкурро бо фавқ ба воситаи байти мусарраъ пайваст намудаанд. Муаллифи «Ал-Муъчам...» навиштааст: “Бошад, ки ибтидои қасида ба мадҳ кунад ва бар ғазал хатм кунад ва онро матлаи тоза орад”.[29]

Б). Агар хато накунем, нахустин дафъа Шамси Қайс бо таърифи жанри қасида машғул шуда, доираи мавзуъҳои онро зикр кардааст: «Ва иштиқоқи «қасида» аз «қасд» аст ва он таваҷҷуҳ ва рӯй ниҳодан аст ба чизе ва ҷое; ва мақсуд-маҳалли қасди мардум аст ба талабу таҳсил ва гуфтану кардани он».[30] Шамси Қайс баъди зикри мухтасари маънии

---

[25] Дар ин таърифи Шамси Қайс носаҳеҳие ҳаст, ки онро, чунонки хоҳем дид, Атоулло ислоҳ менамояд.
[26] Ал-Муъҷам..., саҳ. 201.
[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 119.
[28] Ал-Муъҷам... саҳ. 420.
[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 421.
[30] Ҳамон ҷо, саҳ. 202.

луғавию истилоҳии «қасида» тадриҷан ба баёни ҳудуди мавзуоти он мегузарад. «Пас, «қасида», менависад муаллиф, фаиле аст, ки ба маънии мафъул, яъне мақсуди шоир аст ба эроди маонии мухталиф ва авсофи мутафарриқ - аз мадҳу ҳиҷо ва шукру шикоят ва ғайри он».[31] Ҳамон навъе ки дида мешавад, Шамси Қайс қасидаро аз нуқтаи назари мавзуъ хеле васеъ, ҳатто мухталиф донистааст. Мутаассифона, баъзе муаллифони чи давраҳои гузашта ва чи муосир дар қасида танҳо як мавзуъ, яъне мавзуи мадҳро дида, ин жанри сердоманаи шеъри тоҷику форсро факат бо мадҳия маҳдуд пиндоштаанд.[32] Чунин назарияи хато пеш аз ҳама сабаби аз болои умуман жанри қасида хатти батлон кашида шудан, боиси ба эътибор гирифта нашудани намудҳои гуногуни он, ҳамчун қасидаҳои таърихӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, шиквоӣ, ҳаҷвӣ, ҳолӣ, манзаравӣ ва амсоли онҳо гашт. Аз тарафи дигар, қасидаҳои мадҳии ба шахсони конкрет бахшидашударо низ бо асарҳои ғайрибадеии ҳуҷҷатӣ, ки воқеиятро айнан дарбар мегирад, омехтан ва аз онҳо ҳақиқати мутлақи воқеиро ҷустан нодуруст аст, зеро қасидаҳои мадҳӣ низ пеш аз ҳама асарҳои бадеианд, бинобарин, онҳо на ҳақиқати реалӣ, балки идеали шоирро инъикос менамоянд.

В). Шамси Қайс ҳамчунин нахустин дафъа ба масъалаи миқдори байтҳои қасида дахл кардааст: «Чун абьёт мутакаррар шуд ва аз понздаҳу шонздаҳ даргузашт, онро қасида хонанд. Ва ҳарчи аз он камтар бувад, онро қитъа гуянд».[33] Ин ҷо ишораи охирини Шамси Қайс ба жанри қитъа дахл дорад ва ин аз он нуқтаи назар низ диққатҷалбкунанда аст, ки дар қитъа метавонад мисраи якум дохили қофия бошад. Ҳол он ки баъзеҳо гумон доранд, ки аз қофия озод будани мисраи якум шарти қитъа мебошад,[34] бинобар ин, онро қасида ва ғазали сарбурида низ мегуянд, ки раво намебошад.

---

[31] Ҳамон ҷо.
[32] Ниг. Мирзоев А.М. Рудакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV, Сталинобод, 1958, саҳ. 31-42.
[33] Ал-Муъҷам... саҳ. 201.
[34] Ниг. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷabборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, нашри дуюм. - Душанбе, 1966, саҳ. 150.

Г). Роҷеъ ба хусусиятҳои услубии қасида Шамси Қайс муфассалтар дахл намуда, роҳҳои иҷтиноб аз нуқсонро нишон додааст. У менависад, ки «навъи чаҳорум (удул аз ҷодаи савоб - Р. М.) он аст, ки дар ибтидо ва матолеи қасида лафзе мустакреҳ ва сухане нохушоянда орад; ва дар суолу истеътоф тарики адаб маръӣ надорад; ва аз насибу ташбиб ба он-ч максуд аст, бар ваҷҳе ҷамилу шевае муносиб накл накунад».[35]

Д). Агар Рашиди Ватвот доир ба насибу ташбиб маълумоти мухтасаре дода,[36] онҳоро бо қасида бевосита алоқаманд накарда бошад, Шамси Қайс роҷеъ ба истилоҳоти мазкур ахбори батафсиле дарҷ намудааст[37] ва кӯшиш ҳам кардааст, ки тафовут ва муносибату алоқаи «насиб», «ташбиб», «ғазал» ва «қасида»-ро нишон диҳад. Мувофиқи ақидаи Шамси Қайс, насиб «ғазале бошад, ки шоир ала-ур-расм онро муқаддимаи мақсуди хеш созад» ва он «аҳволи муҳиббу маҳбуб ва авсофи муғозилати ошиқу маъшуқ»-ро дар бар гирад,[38] яъне, дар насиб танҳо мавзуи ишқ инъикос меёбад. Дар назари Шамси Қайс ташбиб низ ғазал аст, вале дар он «сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир» таҷассум мегардад,[39] яъне андеша ва эҳсосоту хаяҷони қаҳрамони лирикӣ хоси ташбиб мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, доираи мафҳуми ташбиб аз насиб васеътар мебошад ва Шамси Қайс истилоҳи дигар «ташбиби сухан»-ро низ зикр кардааст: «Ва ҳар муқаддима, ки дар оғози амсилаву маношир ва сойири мактуботи мутарассилон мунсоқ бувад ба мақсуде, онро ташбиби сухан гӯянд».[40]

Е). Шамси Қайс дар интихоби мавзуи насиб соҳибихтиёр будани суханварро таъкид кардааст, вале шарт ҳам гузоштааст, ки нависанда

---

[35] Ал-Муъҷам.., саҳ. 322.
[36] Хадоиқ-ус-сеҳр..., саҳ. 705.
[37] Ал-Муъҷам..., саҳ. 413-415. Роҷеъ ба ин масъала муфассалтар ниг. Мирзоев А.М. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал..., саҳ. 23-31.
[38] Ал-Муъҷам.... саҳ. 413.
[39] Ҳамон ҷо.
[40] Ҳамон ҷо, саҳ. 414.

бояд адабро риоя кунад: «Ва агарчи шуарору дар боби насиб дасти мутлақ аст, то ҳар васф, ки хоҳанд аз фунуни ишқиёт ва анвои ташаввуқот, тақдим кунанд, илло он-к риояти адаб дар ҷумлаи абвоб лозим бошад».[41]

Хуллас, Шамси Қайс, аз як тараф, ба мисли пешгузаштагонаш истилоҳи “қасида”-ро ба маънии васеътар кор фармуда, онро бо баъзе жанрҳои дигар, чунончи тарҷеъ сахт алоқаманд дониста бошад, аз тарафи дигар, хеле хусусияти жанрии қасидаро ба тарзи конкрет эзоҳ додааст, ки ин ҷиҳат дар осори суханварони пешин дида намешавад.

Муаллифи «Дақоиқ-уш-шеър» Тоҷ ал-Ҳалови истилоҳи «қасида»-ро дар баробари жанрҳои ғазал, рубоӣ, қитъа ва амсоли инҳо ҳамчун як навъи конкрети адабӣ баён кардааст.[42] Аммо ахбороти ин муаллиф, ки тавсифи тасреи матлаъ, насиб ва ташбибро дар бар мегирад[43] аз маълумоти Шамси Қайс фарқи ҷиддӣ надорад. Вале Тоҷ ал-Ҳаловӣ ҳудуди «ташбиб»-ро аз «ташбии сухан» як дараҷа равшантар менамояд: «Ва ҳарчи муштамил бошад бар шарҳи шикояти рузгор ва сифати атлолу даман ва луғати (?) азҳору чаман ва ғайраҳо, онро ташбиб гуянд. Ва муқаддимоту мубодии маноширу амсила ва сойири мактуботи мутарассилон, ки бар мақсуде мубайин бошад, ташбиби сухан хонанд».[44]

Шарҳу эзоҳи қасида дар давраҳои минбаъда, махсусан дар асри XV ривоҷ меёбад ва дар ин масъала Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳиссаи муайяне гузоштаанд. Кошифӣ дар фасли дуюми Муқаддимаи рисолаи худ дар қатори ҳафт жанри дигар[45] қасидаро низ шарҳ додааст. У менависад: «Қасида-он аст, ки абёти он бар як қофия гуфта шавад ва аз понздаҳ байт даргузарад ва матлаи у

---

41 Ҳамон ҷо.

42 Алӣ б. Муҳаммад ал-муштаҳир ба Тоҷ ал-Ҳаловӣ. Дақоиқ-уш-шеър. Ба тасҳеҳу ҳавошӣ ва ёддоштҳои Сайид Муҳаммад Козим Имом. Теҳрон, 1341, саҳ. 3-6, 51 ва ғайра.

43 Ҳамон ҷо, саҳ. 84 86-87.

44 Дақоиқ-уш-шеър, саҳ. 85.

45 Ниг. Мусулмонқулов Р. Дар бораи сохт ва мундариҷаи «Бадоеъ - ул - афкор фи саноеъ - ул - ашъор»-и Кошифӣ. Ахбороти Шуъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон, 1973. № 3 (73), саҳ. 59-60.

мусарраъ бошад».[46] Дар ин порча се хусусияти қасида, яъне дар як қофия гуфта шудан, аз понздаҳ байт зиёд будани байтҳои он ва мусарраъ омадани матлаи вай нишон дода шудааст, ки ду хусусияти охирин то кунун маълум бошад, нишонаи якум дар осори суханшиносони пешини тоҷику форс равшан таъкид нашудааст. Кошифӣ доир ба микдори байтҳои қасида ду фикр баён кардааст. Агар дар порчаи боло аз 15 байт зиёд будани байтҳои қасидаро ишора карда бошад, дар ҷои дигар фикри дигаронро меорад, ки мувофиқи он, ҳудуди ин жанри адабӣ аз 31 то 99 байт мебошад. «Ва гуфтаанд: авло он аст, ки ақал абёти қасида сиву як бошад ва аксараш наваду нуҳ». Муаллиф ҳамин ақидаро дар ҷои дигар ин тариқа ишора кардааст: «аксари он (яъне: абьёти қитъа - Р.М.) ақал абёти қасида тавонад бувад, ки он сиву як аст». Ишораи зерини Кошифӣ низ қобили қайд мебошад, зеро он масъалаи матонату маҳкамии лафзу маъниро дарбар мегирад. «Ва баъзе гуфтаанд: аз «қасид» аст, ба маънии мағзи сатр ва он ишорат аст ба матонати алфоз ва зиронати маонӣ».

Дар «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ қасида бо сабабҳои зерин бевосита, ҳамчун жанри адабӣ алоҳида шарҳ дода нашудааст: 1). қасида дар замони Атоулло чун жанри маъруфтарини адабӣ маълум буда, тақрибан тамоми хусусиятҳои он ба тавассути асарҳои назарии мавҷуда, махсусан рисолаи Шамси Қайс дастраси аҳли илм шуда буд; 2). Рисолаи мазкури Атоулло асосан ба тафсири санъатҳои бадеӣ бахшида шудааст ва шарҳу эзохи жанрҳои адабӣ бо мавзуи он бевосита тақозо намекунад. Бо вуҷуди ин, у дар маҳалҳои дахлдор роҷеъ ба қасида баъзе ақидаҳои маълумро такрор ва қисман фикрҳои мавҷударо равшантару мукаммалтар менамояд.

Атоулло дар баҳси дуюми хотима, ки он ба шарҳу тафсири як силсила истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшида шудааст, ташбиб, насиб, мусарраъ ва амсоли инҳоро эзоҳ додааст, ки бо қасида каму беш алоқаманданд. Чунончи, муаллиф доир ба ташбиб навиштааст:

---

[46] Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ул-ашъор. - М., «Наука», 1977, саҳ. 23.

«Ташбиб-дар луғат сифати ҷамоли зан ва ҳоли худ дар ишқ гуфтан аст. Ва дар урфи шуаро иборат аст аз ҳар васфе, ки дар аввали шеър кунанд, ғайри мадҳу ҳаҷви он кас, ки шеър аз барои у гуянд».[47] Дар ин ҷо Атоулло маънии луғавии ташбибро ҳамчун «сифати ҷамоли зан ва ҳоли худ дар ишқи ӯ гуфтан» донистааст, ки чунин эзоҳро Шамси Қайс ба насиб нисбат дода буд. Ба ҷуз ин, давоми суханони Атоулло низ аз маълумоти муаллифони пешин фарқ мекунад. Чунончи; ӯ аз як тараф, ташбибро хоси ақида надониста, балки онро умуман ба шеър нисбат дода бошад,[48] аз тарафи дигар, мадҳу ҳаҷвро аз доираи ташбиб берун гузоштааст. Атоулло дар мавридҳои дахлдор хусусият ва ҳолатҳои таърихи адабиёти арабро гушрас карда, аз ҷумла дар зимни ташбиб баъди ахбороти боло навиштааст: «Ва чун фусаҳои араб, ки возеи ин лафзанд, дар аввали ашъори[49] худ аксар авқот сифати ҷамоли занон ва ҳоли худ дар ишқ бо эшон баён мекарданд, онро ташбиб ном кардаанд.

Зимни насиб Атоулло навиштааст, ки «дар луғат ба маънии ташбиб аст». Роҷеъ ба маънии истилоҳии он бошад, муаллиф аввалан ақидаи Аллома (Қутбиддини Шерозӣ - Р.М.)-ро овардааст, ки мувофиқи он насиб «каломе аст, ки далолат кунад бар муҳаббати маҳбубон аз зикри ахлоқи эшон. Ва дохил аст дар ин изҳори шавқ ва ёд кардани манозили дустон ва баёни таъбири он ба амтору риёҳ ва мисли он».

Муаллифи «Бадоеъ-ус-саноеъ» зимни мусарраъ ақидаи маълумро баён карда, роҷеъ ба матлаъ фикри ҷолиби диққатро илова менамояд: «**Мусарраъ**-байтеро гуянд, ки ҳарду мисраи ӯ қофия дошта бошад, монанди абёти авоили қасоид. Ва мешояд, ки дар як қасида чанд ҷо абёти мусарраъ оранд ва ҳар якро аз онҳо матлае мегуянд, агарчи фи-л-ҳақиқат матлаъ - байти аввал аст». Яъне, на ҳар як байти

---

[47] Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. Иқтибосҳо аз матни номатбуест, ки дар асоси се нусхаи дастнавис (маҳфуз дар Самарқанд ва Ленинград) таҳия шудааст.
[48] Ин ҳодиса ҳам набояд бесабаб бошад, ки калимаи «шеър» дар як ҷумла ду бор такрор шудааст, аммо «қасида» умуман дучор намеояд.
[49] «Қасоид» не, балки маҳз «ашъор».

мусарраъ (ҳамқофия) «матлаъ» номида мешавад, чунки як шеър як матлаъ (тулӯъгоҳ, саршавӣ, оғоз) дорад ва ин масъаларо, агар хато накунем, нахустин дафъа Атоулло қайд намудааст.

Дар масъалаи таърифи мусарраъ Атоулло ба Шамси Қайс эроди равшан ҳам гирифтааст. «Ва Шамси Қайс, - менависад ӯ, — гуфта, ки мусарраъ байте бошад, ки арузу зарби он дар вазну ҳуруфи қофия муттафиқ бошанд». Яъне мувофиқи ақидаи Шамси Қайс[50] 50 дар вазну қофия мувофиқат кардани калимаҳои охирини ҳарду мисраи байт шарти мусарраъ мебошад, ки ин ақида носаҳеҳ аст: шарти мутобиқати вазн барзиёд мебошад. Атоулло аз руи одоб навиштааст: ин хилофи машҳур аст. Ва худ низ чизе гуфта, ки бар хилофи он далолат мекунад; чи гуфта, ки дар қасоиди порсӣ тасреи матолеъ лозим аст; ва ҳар қасида, ки матлаи он мусарраъ набошад, агарчи дароз бувад, онро қитъа хонанд. Ва ҳамчунин дар рубоиёт тасреи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни ӯ ва муқаттаоти дигар. Ва зоҳир аст, ки он чи дар матолеи қасоид ва байти аввали рубоӣ лозим аст, ҳамчунин иттифоқ дар қофия асту бас; ва иттифоқ дар вазнро ҳеҷ кас лозим надошта».

Атоулло дар мавриде як факти қобили диққатро оид ба мафҳуми «қасида» қайд намудааст. У зимни мусаммат фикри яке аз олимони араб иқтибос намуда, пас суханони вайро ба тариқи зайл тасҳеҳ менамояд, ки аз он дар маънии васеъ омадани «қасида» равшан мегардад: «Зоҳир аст, ки зикри «қасида» бар сабили тамсил аст, чи дар ғайри он низ ин санъат (мусаммат - Р.М.) ҷорист». Аз ин эроди Атоулло чунин хулоса низ бармеояд, ки дар замони муаллиф доираи мафҳуми «қасида» маҳдуд шуда, танҳо дар маънои жанри конкрети адабӣ кор фармуда мешудааст.

Дар асоси мутолиаи сарчашмаҳои назарии асрҳои XI-XV доир ба қасида ба натиҷаҳои зерин омадан мумкин аст.

---

[50] Ниг. Ал-Муъҷам..., саҳ. 419.

1. Қасида аз жанрҳои қадимтарини адабиёти тоҷику форс буда, минбаъд дар пайдоиш ва тараққиёти ғазал, мусаммат ва тарҷеот барин жанрҳои адабӣ ҳисса гузоштааст.

2. Дар асрҳои X-XIII калимаи «қасида» дар маънии васеътар, гоҳе шартан ба маънии «шеър», «назм» кор фармуда мешудааст, ки инро ҳануз дар асри XV Атоулло пай бурда будааст. Дар ин сурат, ақидае, ки гуё адабиёти асрҳои XXIII «даврони қасида» ба шумор меравад ва тамоми адабиёт аз мадеҳасароӣ иборат аст,[51] тасҳеҳталаб мегардад. Дар давраи мазкур ҳангоми зикри «қасида» аксаран на шакли маълуми жанри конкрети адабӣ, балки мундариҷаи ғоявӣ ва тематикии онро дар назар медоштаанд.

3. Қасида дар мавзуъҳои гуногуни зиндагӣ, чунончи васф, хаҷв, шикоят, ахлоқ, ирфон ва ғайра эҷод мешавад. Ин фикрро қасидаҳои Рӯдакӣ, Носири Хисрав, Масъуди Саъди Салмон, Афзалиддини Хоқонӣ ва дигарон ба хубӣ исбот менамоянд.

4. Дар ошкор намудани хусусиятҳои назарии жанри қасида махусан хизмати Шамси Қайси Розӣ ва Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ калон мебошад.

**Октябри 1976,**
**Университети давлатии Тоҷикистон**
**ба номи В. И. Ленин**

---

[51] Ниг. Мирзоев А.М. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал..., саҳ. 31-41. Тоҳиров У. Заминаҳои пайдоиши қасидаи тоҷик, саҳ. 14. Ақидаи Саид Нафисӣ, ки гуё шеъри дарӣ бори аввал дар дарбор пайдо шудааст ва нахустин шеърҳо мадеҳа мебошанд (ниг. Саид Нафисӣ. Аҳвол ва ашъори Абуабдулло Ҷаъфар б. Рӯдакии Самарқандӣ, ч. 3. Теҳрон, 1319, саҳ. 596) аз ҳақиқат дур аст: зеро нахустин шеърҳоро, ки ба мо нарасидаанд, халқ коллективона эҷод кардааст ва онҳо ҳаргиз мадеҳа буда наметавонанд.

Р. МУСУЛЬМАНКУЛОВ

**ЗНАЧЕНИЕ ТЕРМИНА «ҚАСИДА» В ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ XI-XV вв.**

Статья посвящена изучению высказываний таджикско-персидских теоретиков литературы о термине «қасида» (ода). Данный термин в трудах авторов XI—XIII вв. (Родуёни, Рашида Ватвот, Шамса Қайса) кроме значения конкретного литературного жанра, также означает поэзию в целом. Согласно высказываниям авторов теоретических источников жанр касыды сыграл основную роль в формировании таких лирических жанров, как газал, мусаммат и тарджеот.

В разработку проблемы выявления жанровых особенностей касыды внесли большой вклад Шамси Кайси Рози и Атоулло Махмуди Хусайни.